**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забои ва адабиёти тоҷик)**

Рисолаи **Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич** ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳим ва камомӯхташудаи илми педагогика методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам бахшида шудааст. Воқеан, яке аз мавзӯи муҳимми имрӯзи ҷомеаи Тоҷикистон шинохтани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи босалоҳияти таълими андешаҳои динии ӯст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба ин масъала таъкид кардаанд. Мазҳаби ҳанафӣ, ки фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Имоми Аъзам бунёдгузори он аст, барои иттиҳоду ҳамбастагии мусалмонон дар гӯшаву канори олам, хусусан дар Тоҷикистон хизматҳои назаррасеро анҷом додаст ва бештари мардуми кишвари мо гаравидаи ин мазҳабанд. Аз сӯйи дигар, дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанни “Таърихи дин” таълим дода мешавад, ки қисмати асосии онро таърихи дини ислом ташкил медиҳад ва мазҳаби Имоми Аъзам дар он ҷойгоҳи хосса дорад. Ҳамчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз ҷумла Донишкадаи давлатии исломӣ фанни “Таърихи дин” ва “Диншиносӣ” тадрис мегардад, ки бидуни донистани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи дурусти таълими он ба мақсад расидан аз имкон берун аст. Илова бар ин, бархурди тамаддунҳо ва ихтилофҳои мазҳабӣ боиси гаравидани ҷавонон ба равияҳои гуногуни тундгаро гашта, ки ҷавонони тоҷик дар ин масъала истисно нестанд. Таълими дурусту босалоҳияти ин “мазҳаби таҳаммулгаро” (*таъбири Пешвои миллат -Эмомалӣ Раҳмон*) метавонад ҷавонони моро аз хатари гаравидан ба ҷараёнҳои динии экстримистии тундгаро наҷот бахшад. Ҳама ин

масъалаҳо зарурати таҳқиқу омӯзиши мазҳаби Имоми Аъзам ва коркарди методикаи тадриси ин мазҳабро ба миён оварда, ки интихоби мавзӯи рисолаи М.М. Сайидаҳмадов аз инҷост.

Муаллифи рисола дар се бо, ки ҳар як аз фаслҳои мутааддад иборатанд ва хулоса саъй намудааст, то мавзӯи мавриди таҳқикро ҳамаҷониба ҳаллу фасл намояд. Сохтори рисола ба хусусият ва характери масъалахои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, чаҳор боб ва хулоса масъалаҳои назарию амалии мавзӯйи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, тозагии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтааст. Муаллиф дар асоси усули таърихӣ-қиёсии омӯзиши осори адабӣ ба тахқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя кардааст. М.М. Сайидаҳмадов дар асоси далелу мадракҳои гӯё мавзӯъро баррасӣ намуда, натиҷаи дилхоҳ ба даст овардааст. Азбаски муроди муаллифи рисола таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯйи мавриди назар аст, рисола ба ҳамин мақсад ба бобҳо ва фаслҳо тақсим шуда, ки ҳеч як масоили марбут ба мавзӯъ аз назар дур намондааст.

Рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯйи “Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ”, як кори илмии ба итмомрасида буда, метавон онро ба муҳокима ва дифоъ пешниҳод кард.

Роҳбари илмӣ, пофессор: Ш.Р. Исрофилниё